# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ д.и.и., профессор Раҷабов Р.К ба рисолаи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст**

Ҳусензода Анвар Раҳмонқул, 2 уми декабри соли 1986 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2004 ба Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент дохил шуда онро соли 2009 аз руйи ихтисоси менеҷменти тиҷоратӣ хатм кардааст. Аз соли 2008 то ба имруз ба ҳайси лаборанти кафедраи математика-нформатика, оператор, сармутахассиси маркази бақайдгирӣ, сардори маркази бақайдгирӣ, устоди калони кафедраи назарияи иқтисод ва идоракунӣ, мутахасс оид ба пайгирии хатмкунандагон ва роҳбари дастгоҳи иҷроияи ректори Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент кор ва фаъолият менамояд.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ, амали сохтани механизми ташкилию иқтисодӣ ва баланд бардории самаранокии ташкил ва идоракунии корхона барои таъмини болоравии маҳсулнокии меҳнат, истифодаи системаи инноватсионии музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхона, ҳамчунин корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад.

Афзудани накш ва аҳамияти хизматрасонии нақлиётӣ мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардонии ҳайати кормандони муассисаи нақлиёти автомобилиро тақозо менамояд. Аз тарафи дигар зарур аст, ки вазнинӣ ва мураккабии хизматрасонии нақлиётӣ ҳангоми такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон ба инобат гирифта шавад. Дар ин радиф барои ҳалли муаммову мушкилоти ҷойдошта истифодаи механизмҳои навоваронаи такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон пешбурди таҳқиқоти суроғавиро дар назар дорад. Аз таҳлили раванди пешниҳоду расонидани хизматрасониҳои нақлиётӣ бар меояд, ки муаммоҳои зиёде дар ин раванд мавҷуданд, на ҳама паҳлуҳои масоили такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ ба тариқи пурра омӯхта нашудаанд ва аз ин рӯ мубраммияти мавзӯи диссертатсияи Ҳусензода А.Р. бе баҳс аст.

Аз арзёбии диссертатсия бармеояд, ки дар он ба тариқи пурра ҷанбаҳои назариявии моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, инчунин, асосҳои методии ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ бо назардошти аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии онҳо дар рушди муносибатҳои бозорӣ, баҳисобгирии ҷузъҳои муҳимтарини татбиқи меҳнат ва арзёбии мураккабии он дар корхонаҳои амалкунанда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи пардохти меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат омӯхта шуда чораҳои амалӣ нисбати такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, имкониятҳои истифодаи захираҳои молиявие, ки аз тафриқаи музди меҳнат ба вуҷуд меоянд, ба инобат гирифта шуда, дар раванди бозбинии ин механизм дар кишвари мо амали карда шудааст.

Диққати асосӣ ба таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дода шуда, нақши онҳо дар амалисозии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 дида баромада шудааст. Дар сатҳи заурӣ таҳлили ҳолати механизмҳои татбиқшавандаи пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии гузаронида шуда, масоил ва монеаҳо муайян карда шуда роҳҳои бартараф кардани онҳо дар шароити муосири рушди иқтисодиёт арзёбӣ гардидааст.

Дар рисола таҳлили арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ сурат гирифта, механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунӣ бо назардошти таъсири омилҳо ба сатҳи ҳавасмандгардонӣ дар шароити рақобаттпавонӣ ба миён меоянд, такмил гардидааст.

Дар асоси ба назар гирифтани муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ мукаммалгардонии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар онҳо бо назардошти талаботи муосир ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ва пардохти музди меҳнати ронандагон арзёбӣ карда шудааст.

Дар диссертатсия самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии меҳнат ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани он бо назардошти мукаммалгардонии пардохти музди меҳнатӣ кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ бо истифодаи аз низоми грейдҳо пешниҳод шуда, сатҳу самараи фаъолияти кормандон дар

натиҷаи истифодаи ин низом ба даст овардан имконпазир аст баҳо дода шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия роҳҳои такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

Аз арзёбии диссертатсия бар меяд, ки самти таҳқиқот ба чунин бандҳои Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.12 – "Иқтисодиёти меҳнат": 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии тарафайни он бо тахассуси корманд ва натиҷанокии истеҳсолот; функсияҳои такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8.Бамеъёрдарорӣ, ташкил ва гуманизатсияи меҳнат, махсусияти он барои соҳаҳои мухталифи фаъолият ва категорияҳои кормандон; 9.Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, маҳак, усулҳои ченкунӣ, омилҳо ва захираҳои баландшавӣ, барномаҳои идоракунии ҳосилнокӣ; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд

Заминаҳои назариявию методии таҳқиқот - ин назарияи заминасози иқтисодӣ, корҳои илмии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ шароити оид ба такмилдиҳии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда муносибати систематикӣ, таҳлили сариваққтӣ ва синтези муқаррароти марбут ба предмет ва объекти таҳқиқот алоқаманд ташкил медиҳад.Инчунин дар таҳқиқот усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, абстракти мантиқӣ, монографӣ, ҳисоби-конструктивӣ, таҳлили оморӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра истифода шудаанд.

Дар давоми иҷрои диссертатсия аз тарафи муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шуданд.

Натиҷаҳои ба дастоварда шудаи муаллиф дар амалияи корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуданд. Инчунин, муқаррароти назариявӣ-методии рисола ддар раванди таълимии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри

Panҷакент ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳо ва матнҳои лексияҳои «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ» истифода бурда шудаанд.

Ҳусензода Анвар Раҳмонқул бомуваффақият аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар назди ӯ гузошташуда баромад ва таҳқиқотро мустақилона иҷро намуд, ки дорои аҳаммияти муҳими иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Дар маҷмӯ аз тарафи муаллиф Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ин ихтисос мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; кӯчаи Деҳотӣ,1/2
Почтаи электронӣ: drrajab@mail.ru
Тел:+992934444107